# Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 16 ноябр

Submitted by Ҳайати тадорукот on 15 November, 2021 - 19:18

[1]

**Дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Президент – ҳомӣ ва пуштибони забони миллӣ» рӯзи 16-уми ноябри соли 2021, соати 10:00 баргузор гардид.**

Дар мизи мудаввар роҳбарият ва кормандони Кумита иштирок намуданд. Мизи мудаввар бо садо додани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид.

Баъдан, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор Олимҷон Муҳаммадҷонзода сухани табрикотиро ба муносибати Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намуда, ҳозиринро бо хизматҳои бузурги Пешвои миллат дар 30 соли даврони Истиқлол ёдовар шуда, қайд намуданд, ки мо миллати хушбахтем, ки ба бахти мо тоҷикон таърих роҳбареро ҳамчун Эмомалӣ Раҳмон ҳадя намуд, ки ҳар лаҳзаи умри пурбаракати худро барои бунёдкорӣ, созандагӣ, меҳрпарастӣ ва арзишҳои миллии ин сарзамин сарф намуда, барои наслҳоиояндаи миллату кишвари тоҷикон дар роҳи эҷоди сулҳу ваҳадти миллӣ қадамҳои устувор мегузорад.

Фаъолияти пурсамар ва бисёрҷабҳаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси Роҳбари Давлат, ки ба мушкилтарину ҳассостарин марҳилаи таърихи тоҷикон бунёд ва таҳкими аркони давлати соҳибистиқлол ва таҳкими сулҳу субот рост меояд, ҳамчун достони мардонагию ҷасорат, бунёдкорию созандагӣ ва навҷӯию навовариҳо дар саҳифаҳои таърихи ин миллати фарҳангию куҳанбунёд бо ҳарфҳои заррин абадӣ нақш бастааст.

Маҳз тавассути сиёсати хирадмандона ва заҳматҳои шабонарӯзию фидокориҳои Пешвои миллат мардуми шарифи Тоҷикистон зери ливои сулҳу ваҳдат сарҷамъ омада, Тоҷикистон имрӯз дар роҳи рушди устувор ва босубот қарор дошта, бо ташаббус ва ғамхориҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз забони тоҷикӣ мавриди ғамхориву пуштибонии ҳаматарафаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтааст. Ғамхорӣ ва мувозибат аз забони модарӣ, пеш аз ҳама, пуштибонӣ аз халқу миллати худ мебошад. Бори дигар раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Олимҷон Муҳаммадҷонзода ҳозиринро ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикситон табрик намуда, суханро ба кормандони Кумитаи забон ва истилоҳот доданд.

Дар мизи мудаввар кормандони Кумита маърузаҳои худро дар васфи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавзуъҳои «Президенти ман – ифтихори ман», «Эътимод ба савганди пуштибони миллат», «Президент – ҳомӣ ва пуштибони забони миллӣ» ва «Иҷлосияи тақдирсози миллат» ироа намуданд.

Дар анҷом, суруд ва шеърҳо дар васфи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳозирин хонда шуд.

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

- 

-

-

-

- 

- 

- 

- 

- 

- 

- 

-

**Source URL:**https://www.istilohot.tj/en/node/6794?mini=2026-04

**Links**
[1] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/DSC01305.JPG [2]
https://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01305.JPG [4]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01232_0.JPG [5]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01233_0.JPG [6]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01238_0.JPG [7]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01239_0.JPG [8]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01240_0.JPG [9]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01245.JPG [10]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC0127888.JPG [11]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01254.JPG [12]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01262.JPG [13]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01282.JPG [14]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01286.JPG [15]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01282_0.JPG [16]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01286_0.JPG [17]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01287.JPG [18]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01292.JPG [19]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01295.JPG [20]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01299.JPG [21]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01310.JPG [22]
https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/DSC01311.JPG